

**27.02.2018**

23 феврал аз замони таъсисёбии КМ ЧТ 25 сол пур шуд.  Дар тӯли ин муддат мархила ба мархила кисму вохидхои низомӣ ташкил шуда, чавобгӯй ба талаботи замони муосир бунёд ёфтанд, вале мо дар ин барнома аз таърихи ташкилёбии яке аз аввалин кисмхои харбӣ, рохи тайнамуда ва хизматхои хайати шахсии он ёдовар хохем шуд. Бригадаи алохидаи таъйиноти махсус аз чумлаи он кисмхои низомӣ аст, ки фаъолияти худро аз мохи феврали соли 1993 огоз намуда, ба тадрич дар заминаи он кисми низомии 07017 таъсис ёфт.

Аз огози фаъолият хайати фармондехӣ ва афсарони ин вохиди навтаъсиси харбиро аксаран хизматчиёни низомие, ки аз фронти халкӣ шомили Куввахои Мусаллахи навбунёди кишвар гардида буданд, ташкил медоданд. Яъне дар он солхо нафарони касбу кори гуногун хизматчии харбӣ шуда, дар ин вохиди низомӣ адои хизмат мекарданд.

Дар он лахзахои бисёр хасос барои Точикистон, ки мушкилихои ичтимоиву иктисодӣ ва дигар вазъияти пуртазод  монеахои зиёдеро пеш меовард, хайати шахсии ин кисми низомӣ ба камбудиву норасогихои чойдошта нигох накарда, махорату малака ва нерӯи чангии худро, дар самти химояи марзу буми ачдодӣ, тахким бахшидани сохти конститутсионӣ ва бахри пойдории сулху суботи мамлакат равона намуданд. Ин нуктаро подполковник Неъмат Азизода, ки аз солхои аввали ташкилёбии ин вохиди низомӣ то хол ба хайси иктисодчӣ адои хизмат мекунад, тасдик намуд.

Тавре иттило дода шуд, дар давоми ин солхо бо дастгирии Сарфармондехи Олии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон Эмомалӣ Рахмон тамоми бинову иншооти ёрирасони кисми низомӣ, шароитхои хизмативу маишӣ ва хам таълимии хайати шахсӣ ба талаботи хозиразамони харбӣ мутобик гардонида шуданд.

Бояд кайд намуд, ки аз нахустин рӯзхои ташкилшавӣ то инчониб, хайати шахсии ин вохиди низомӣ  дар баробари ташкилу рохандози намудани машкхои пайвастаи баталионӣ-тактикӣ ва дигар чамъомаду машгулиятхои таълимии сахроӣ, инчунин дар машкхои муштараки Куввахои Мусаллахи кишвархои узви созмонхои байналмилалӣ, ки дар худуди ЧТ доир мешаванд, ширкати фаъолона карда, доимо сазовори бахои баланд мегарданд.

Кайд кардан зарур аст, ки интизоми хайати шахсӣ вобаста ба таъмини волоияти конун, тартиботи хукукӣ ва тибки талаботи оинномахои умумихарбӣ ба рох монда шуда, афсарони масъул дар таълиму тарбияи сарбозон диккати махсус зохир менамоянд. Ва албатта, ин хама аз заминахои хуби моддиву маънавӣ дарк медихад. Зеро, кисми низомӣ дорои тамоми шароиту имконоти пешбинишуда ба хизмати харбӣ мебошад, ки он имкон медихад хамаи хайати шахсӣ вазифахои бар ухда доштаро сарбландона ичро намоянд.

Умуман, афсарону сарбозони кисми харбӣ аз нахсутрӯзхои таъсиси Артиши миллӣ дар рохи хизмат ба Ватан ва бахри дифо аз музаффариятхои Истиклолияти давлатӣ кӯшиши зиёд намуда, имрӯз ин вохиди низомии худро ба як неруи пурзӯри мудофиавии ватан табдил додаанд.

**Маркази матбуоти Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон**